**Тақвияти ҳамкориҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**



Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон бо Фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон кормандони шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Дастгоҳи Ваколатдор дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ ва Темурмалики вилояти Хатлон дар самти ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон вохӯриҳо гузарониданд.

Намояндагони Ваколатдор бо мусоидати раисони шаҳру ноҳияҳои мазкур рӯзи 12 март дар шаҳри Кӯлоб, рӯзи 13 март дар ноҳияи Восеъ ва рӯзи 14 марти соли 2014 дар ноҳияи Темурмалик бо раисони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, мудирони шуъбаҳои кор бо занон, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, корҳои дохилӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ вохӯрда, вазъи ҳуқуқи кӯдаконро дар шаҳру ноҳияҳои мазкур мавриди муҳокима қарор доданд. Иштирокчиёни вохӯрӣ бо Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак (аз ҷумла тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 2010 оид ба маърӯзаи дуюми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ) ошно гардида, оид ба саҳми мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон маълумот гирифтанд.

Дар вохӯриҳо дастоварду мушкилот дар самти таъмини ҳуқуқи кӯдак мавриди муҳокима қарор гирифта, муҳокимаҳо дар фазои озоду шаффоф доир гардида, аз ҷониби иштирокчиён барои минбаъд беҳтар кардани кор дар самти таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон як қатор таклифҳо пешниҳод гардиданд.

Тибқи Нақшаи фаъолияти мақомоти Ваколатдор дар соли 2014 чунин вохӯриҳо дар дигар шаҳру навоиҳи ҷумҳурӣ низ ба назар гирифта шудаанд.

***Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак***